**(10.01.10) МЕДИАКОММУНИКАЦИИ И ЖУРНАЛИСТИКА**
**5.9.9. МЕДИАКОММУНИКАТСИЯҲО ВА РӮЗНОМАНИГОРӢ**
**5.9.9. MEDIACOMMUNICATIONS AND JOURNALISM**

***УДК 070***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-2-136-141***

## *МАХСУСИЯТҲОИ ТАТБИҚИ ҚОИДАҲО ВА МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИ КАСБӢ ДАР ОИТ "ВАРОРӮД"*

***Бобоҷонова Мутриба Султоновна,*** *н.и филол, дотсент, мудири кафедраи иттилоот ва технологияҳои робитавии МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

## *ОСОБЕННОСТИ ПРИМЕНЕНИЯ ПРАВИЛ И НОРМ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЭТИКИ В ИАА «ВАРОРУД»*

***Боболжонова Мутриба Султоновна,*** *канд. филол.наук, доцент, заведующий кафедрой информации и коммуникационных технологий ГОУ "ХГУ имени академика Б. Гафурова (Худжанд, Таджикистан)*

## *THE FEATURES OF APPLICATION OF PROFESSIONAL ETHICS RULES AND NORMS IN IAA "VARORUD"*

***Bobojonova Mutriba Sultonovna,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor, the head of the Department of information and communication technologies, SEI «Khujand State University named after academician Bobozhan Gafurov" (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *mbobojonova1987@mail.ru*

*Масъалаи қабули меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи минтақа, ки дар фаъолияти журналистӣ ҳадафи саривақтӣ ба шумор меравад ва як ҷузъи зарурии ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбад, баррасӣ мешавад. Таъкид карда мешавад, ки меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ хоси ҷомеаи демократӣ аст. Ҷомеа ва иттиҳодияҳои журналистии Тоҷикистон баҳри ҳимояи субъектҳои иттилоотӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолгарони иттилоот ва нигоҳ доштани обрӯ ва эътибори кории журналистон зарурати қабули меъёрҳои этикаи касбиро ба миён гузоштанд. Изҳори ақида шудааст, оҷонсии иттилоотии "Варорӯд" аввалин расонаи иттилоотии кишвар аст, ки ҳанӯз соли 2003 "Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ "Варорӯд"-ро қабул намуд, ки ин кӯшиши дар қолаби муайян ба танзим даровардани фаъолияти одоби касбии кормандони оҷонсӣ, нашрияҳои "Варорӯд" ва "Ҳамсояҳо" буд. Хулоса мешавад, ки қабули меъёрҳои этикаи касбӣ барои баланд бардоштани маданияти касбии журналистӣ ва фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар мавриди риояи меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқи касбӣ нақши муассир мебозад.*

***Калидвожаҳо:*** *ВАО, журналист, меъёрҳои ахлоқӣ, этикаи касбии журналист, рисолати журналист, эҳтимоли бегуноҳӣ, виҷдон, асардуздӣ, маҳкумнамоӣ*

*Рассматривается вопрос о принятии норм профессиональной этики в региональной журналистике, что является своевременной целью в журналистской деятельности и считается необходимой принадлежностью демократического общества. Подчеркивается, что нормы журналистской профессиональной этики характерны для демократического общества. Общество и журналистские сообщества Таджикистана поставили вопрос о необходимости принятия норм профессиональной этики в целях защиты субъектов информации, интересов потребителей информации и поддержки репутации журналистов. Представлено мнение, что ИАА «Вароруд» является первым информационным СМИ страны, принявшим «Правила и этические нормы поведения в*

*профессиональной деятельности журналистов ИАА «Вароруд» в 2003 году, что является попыткой урегулирования деятельности сотрудников агентства «Вароруд» и издания «Хамсояхо» благодаря профессиональной этике. Делается вывод, что принятие соответствующих положений в части соблюдения норм и принципов профессиональной этики играет эффективную роль в повышении профессиональной культуры журналистов и в деятельности СМИ.*

***Ключевые слова:*** *СМИ, журналист, этические нормы, профессиональная этика журналиста, журналистская миссия, презумпция невиновности, совесть, плагиат, обвинение*

*The article deals with the issue of application of professional ethics norms in regional journalism, which is a necessary and timely goal in journalistic activity and considered a necessary part of a democratic society. It is emphasized that the norms of journalistic professional ethics are characteristic of a democratic society. The society and the Journalists Union of Tajikistan have raised the issue of the need to adopt professional ethics norms in order to protect the subjects of information, protect the interests of consumers of information, and maintain the reputation of journalists.  According to the author, IAA "Varorud" is the first information media in the country that adopted the "Rules and ethical standards of conduct in " IAA "Varorud" journalists professional activities" in 2003, which is an step to regulate the activities of employees of "Varorud" agency and the "Khamsoyakho" publication in terms of professional ethics. It is concluded that the adoption of professional ethics in terms of compliance with the norms and principles of professional ethics plays an effective role in improving the professional culture of journalism and mass media activities.*

***Key words:*** *media, journalist, ethical standards, professional ethics of a journalist, journalistic mission, presumption of innocence, conscience, preliminary judging, condemnation*

Таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ, ҳамчунин равишҳои муносибат ба меъёрҳои ахлоқӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми назария ва амалияи журналистика дар замони муосир ба ҳисоб рафта, риояи он дар фаъолияти журналист барои густариши сатҳу сифати касбият ва муҳиммияти маводи журналистӣ аҳаммияти хосаро касб мекунад. Амалӣ намудани меъёрҳои ахлоқиву касбӣ дар фаъолияти журналистӣ, бахусус, дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз ҷузъҳои зарурии ҷомеаи демократӣ ба шумор рафта, бо таъмини интихоби дурусти мавзуъ ва таҳлили воқеии рӯйдодҳои ҷомеа барои мардум ва дарёфти ҳақиқати аслии омилу сабабҳои ин авзоъ имконияҳои васеъ муҳайё менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои этикӣ дар омӯзишу муайян намудани тамоюлу падидаҳои журналистика муҳим буда, рӯй овардан ба омӯзиш ва таҳқиқи илмии масъалаҳои этикӣ дар журналистикаи кишвар, ҳамзамон минтақа аз ҳадафҳои зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Зеро барои муайян ва ҳал намудани нуктаҳои норавшану баҳсангез таъсири мусбат дорад.

Муҳаққиқони соҳа дар танзими фаъолияти воситаҳои ахбори омма нисбат ба қонунҳои амалкунандаи ВАО ба меъёрҳои ахлоқӣ бартарият додаанд. Аз он ҷумла, муҳаққиқи рус В. Ворошилов иброз медорад, ки «Яке аз сабабҳои таҳия намудани кодексҳои этикаи касбӣ ин кӯшиши, аз як тараф, пур кардани холигӣ дар сохтори қонунгузориҳои мавҷуда аст” [2,354].

Профессор И. К. Усмонов бар он андеша аст, ки «Агар қонун қабул шавад, иҷрои онро мақомоти расмӣ талаб мекунанд. Пас, хоставу нахоста ВАО ба чорчӯбаи маҳдудият гирифтор мешаванд, ҳатто дар сурате, ки сензура мавҷуд набошад. Барои меъёрҳои ахлоқӣ бошад масъулияти судӣ муайян карда намешавад, зеро барои масъалаи ахлоқ ҷазои судӣ муайян нашудаанд. Махсусан, ки ин ахлоқ ба касб тааллуқ дошта бошад, зеро меъёрҳои ахлоқӣ аз

ҷониби худи журналистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ назорат шудани воситаҳои ахбори оммаро дар назар дорад, аз ин лиҳоз, чунин назоратро бо мафҳуми худтанзимкунӣ ифода мекунанд» [7,5].

Риояи меъёрҳои этикаи касбӣ аз ҷаҳонбинӣ, касбият, шахсияти иҷтимоӣ, меъёрҳои завқу салиқаи касбӣ, муносибати журналист ба манбаъ, усулҳои кор, услуби забон, корбасти жанрҳои журналистӣ аз ҷониби журналист, муҳаррирӣ ва муносибати ӯ бо аудитория вобаста аст. Марҳилаи ташаккули этикаи журналистӣ ҳамчун истилоҳи илмии эътирофшуда ба нимаи дуюми асри Х1Х ва аввали асри ХХ рост меояд.

Яке аз сабабҳои таҳияи як силсила меъёрҳо дар журналистикаи муосир, ин, пеш аз ҳама, ба вуҷуд омадани низоми масъулияти иҷтимоӣ мебошад. Иттиҳодия ва федератсияҳои журналистӣ кодексҳо ва меъёрҳои ахлоқиеро таҳия карданд, ки ҳар журналист ҳангоми фаъолияти касбӣ ҳамчун роҳнамо истифода намояд. Аз ҷумла, дар матбуоти маҳаллии тоҷик, бахусус, журналистикаи вилояти Суғд, дар таҳияи чунин санади муҳим корҳои назаррас ва муфид анҷом дода шудаанд. Бори аввал оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Варорӯд» 11 марти соли 2003 санади идоравӣ бо унвони «Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»[5], ки 14 бандро ташкил медиҳад, қабул намуд. Риояи талаботи санади мазкур барои кормандони оҷонсӣ ва нашрияҳои он - «Варорӯд» ва «Ҳамсояҳо» ҳатмӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ҷониби ҳайъати эҷодӣ риояи ин меъёрҳо талаботи бандҳои якум ва дуюми санад буда, бандҳои дигари он ба самтҳои муҳимми фаъолияти журналистӣ вобастагӣ дорад:

- тартиботи дастрасӣ ба маълумот ва риояи он;
- боэътимодии манбаъҳо;
- усулҳои қонунии дастрасӣ ба иттилоот;
- роҳ надодан ба сохтакории ҳуҷҷатҳо;
- пинҳон доштани маълумот;
- роҳ надодан ба қаллобӣ ва таҳдид;
- бархӯрди манфиатҳо, порадиҳӣ:
- роҳ надодан ба асардуздӣ (плагиат);
- таъмин намудани тавозуни андешаҳо,
- ислоҳи ғалату норасоиҳои мавод;
- гузоштани ҳудуди аниқ байни далелҳо, андешаҳо, ташреҳ ва тахмин;
- риояи воқеият ва саҳеҳият дар маводи моҳияти ҷиноидошта;
- тафтиш намудани маводи дар суд барасишаванда;
- эҳтиром гузоштан ва дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ;
- напазируфтани мукофот ва ҳаққи қалам ба андешаҳои моҳияти гуногундошта;
- риоя намудани ҳуқуқи муаллиф;
- узви ҳизби сиёсӣ набудан.

Бо назардошти моҳият ва муҳтаво «Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»-ро метавон ба се гурӯҳ тақсимбандӣ намоем:

Аввал, рисолатҳои аслӣ, ба монанди иззату эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ҳаёти шахсии инсон;

Дуюм, меъёрҳои мамнуъ, мисли сохтакории ҳуҷҷатҳо, гирифтани маълумот бо роҳи қаллобӣ, сирқат, таҳдид ва порадиҳӣ;

Сеюм, арзиши мавод, аз ҷумла саҳеҳият, айният, воқеият ва гуногунандешӣ.

Дар санади мазкур ҳангоми гирифтани маълумот истифода аз муқаррароти қонунӣ, роҳ надодан ба асардуздӣ, дахлнопазирӣ ва эҳтироми ҳаёти шахсӣ, гирифтани маълумот аз сарчашмаҳои боэътимод, риояи тавозуни андешаҳо ва дигар масъалаҳои ахлоқии

фаъолияти журналистӣ ишораҳо шудаанд. Бино ба иттилои И. Ҷамолов (директори ҳамонвақтаи ОИТ «Варорӯд»), таҳияи қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони ОИТ «Варорӯд» бо пешниҳоди бевоситаи коршиноси соҳаи журналистикаи байналхалқӣ Андрей Лож сурат гирифтааст. И. Ҷамолов таъкид менамояд, ки дар яке аз нишастҳои касбӣ Андрей Лож меъёрҳои ахлоқи касбии кормандони Ассосиатсияи британии Рейтер ва Оҷонсии амрикоии Associated Press-ро мисол оварда, зарурати ба талаботи журналистикаи фаромиллӣ мутобиқ намудани фаъолияти ОИТ «Варорӯд»-ро иброз доштааст. Маҳз ин ҳамкорӣ ва муаррифӣ ба он мусоидат намудааст, ки санади идоравии "Қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони ОИТ «Варорӯд» таҳия шавад. Аз он сабаб, ки ОИТ «Варорӯд» низ кушиши фаъолият дар сатҳи байналхалқӣ дошт, таҳия ва қабули чунин меъёрҳоро барои расидан ба ин мақсад мувофиқ донистанд.

Яке аз марҳилаҳои муҳим ҷиҳати таъмини фаъолияти босамари корӣ ин ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ риоя намудани қоидаҳо ва меъёрҳои зикршуда ба ҳисоб меравад, ки дар фаъолияти корӣ чандон осон набуда, амалигардонии онҳо аз якчанд омилҳои дигар вобастагӣ дорад. Аз он ҷумла, омилҳои ҳуқуқӣ журналистро водор менамояд, ки дорои маърифати баланди ҳуқуқӣ бошад ва донад, ки маводи истифодашуда дар кадом ҳолат асардуздӣ ба ҳисоб меравад, кадом маводи журналистӣ моликияти зеҳнӣ ба шумор меравад, дар кадом ҳолат журналист ҳуқуқи муаллифӣ пайдо менамояд, кадом ҷанбаҳои ҳаёти инсон ба ҳаёти шахсӣ тааллуқ дорад ва ҷаро паҳлуҳои мазкур дахлнопазир мебошанд?

Масъулияти иҷтимоии журналист дар назди истеъмолгари иттилоот ва ҷомеа низ муҳимтарин омили дигар ба ҳисоб меравад, зеро амалӣ шудани қоида ва меъёрҳои ахлоқи касбии идора ба масъулияти иҷтимоии ҳар як журналист вобастагӣ дорад. Дар ин маврид бояд маводи журналист ба манфиати ҷомеа равона шуда бошад ва журналист ба маводи дарҷкардаи худ на танҳо дар назди ВАО, балки дар назди ҷомеа - оммаи васеъ ҷавобгар мебошад. Масъулияти иҷтимоии журналист водор месозад, ки ӯ дар ҳама ҳолат аз рӯи шуури маънавиаш фаъолият барад ва дар рафти иҷрои вазифа масъулият дошта бошад. Иҷрои ин масъулият ва риояи он, аз вазъи таъминоти моддии журналист вобастагӣ дошта, журналисте, ки аз маоши муқарраркардаи идора қаноатманд аст, аз ҷиҳати моддӣ таъмин мебошад ва ин ҳолат ба татбиқи самараноки ин масъулият кӯмак мекунад. Ҳарчанд барои ин ҳолатро ба дараҷаи мувофиқ расонидан мушкилиҳои зиёдеро пеш меояд.

Таҳқиқот маълум намуд, ки дар солҳои 2003-2005 маоши рӯзноманигорони Оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии "Варорӯд" аз 80 то 100 доллари амрикоӣ ташкил дода, дар баробари ин барои омода намудани мавод аз ҷониби идора ҳаққи қалам пардохт карда мешуд. Идора кормандонро бо компютер ва телефону интернети ройгон таъмин менамуд. Дар давраи таҳқиқ таҳлилу тавзеҳи маводи ОИТ "Варорӯд" ва нашрияи он "Варорӯд" аз рӯйи мазмуну муҳтаво, услуби баён, асоснокии факту далел, воситаҳои ифода аз расонаҳо ва нашрияҳои дигар бартарият дошт. "Оҷонсии номбурда дар баробари нашрияи худ- "Варорӯд", дар асоси шартномаи тарафайн Оҷонсиҳои иттилоотии "Озодӣ" ва "BBC"-ро низ бо маводи иттилоотӣ таъмин менамояд. Нашрияи "Варорӯд" аз соли 2005 мустақил гардид ва бо забони тоҷикӣ ба нашр шурӯъ намуд. Аудиторияи худро қисман аз даст дод ва ин боис гардид, ки теъдоди нашрия, ки ба 10 ҳазор нусха расида буд, кам шавад"[1, 48].

Омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои вобаста ба амалишавии "Қоидаҳо ва меъёрҳои фаъолияти касбии кормандони ОИТ «Варорӯд» маълум намуд, ки самаранокӣ ва фаъолнокӣ дар ин самт то соли 2005 ба назар мерасад. Ба назари мо, заиф гардидани риояи қоида ва меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби журналистони идора ба ду омили асосӣ вобастагӣ

дорад. Омили аслӣ, пеш аз ҳама, ба кори дигар гузаштани И. Ҷамолов- директори Оҷонсии иттилотӣ ва таҳлилии «Вароруд» аст, ки яке аз менеҷерони беҳтарин маҳсуб меёфт. Мусаллам аст, ки риоя ва густариши низоми ҳар як идораву ширкатҳои вобаста ба воситаҳои ахбори омма аз фаъолияти огоҳона ва касбии роҳбар вобастагии бевосита дорад. Омили дигар дар фаъолияти мустақили нашрия ва паст шудани сифати маводи он аст, ба ин васила як қисми хонандагони худро аз даст дод, ки ин ҳолат ба вазъи молии нашрия таъсири манфӣ расонид. Аз ин лиҳоз, рақобати воқеӣ байни кормандон ва нашрияҳои онҳо бештар бо воситаи ба роҳ мондани ҳангомабозиву айбҷӯиву айбсозиҳо сурат гирифт, ки дар натиҷа риояи қоида ва одоби касбӣ халалдор гашт.

Аз сухбат бо И. Ҷамолов як ҳолати таваҷҷуҳангез оид ба риояи меъёри охирони қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Вароруд» маълум гардид. Ба гуфтаи ӯ журналист Ҷ. Юсуфӣ ҳангоми фаъолият вақти шиносоӣ бо санади мазкур ба талаботи банди охирони ин аснод, яъне корманди Оҷонсии иттилоотӣ ва таҳлилии «Вароруд» наметавонад узви ягон ҳизби сиёсӣ бошад, норозигӣ баён намуда, ин ҳолатро поймол кардани ҳуқуқҳои журналист арзёбӣ намуудааст (Суҳбат бо И. Ҷамолов 22 майи соли 2017).

Ба андешаи мо талаботи банди мазкур, яъне ҳангоми фаъолият узви ягон ҳизб набудани журналист бо мақсади риояи меъёри беғаразӣ мебошад, зеро агар журналист узви ягон ҳизб бошад, ҳангоми таълифи мавод манфиатҳои ҳизбияшро пеш гузорад, манфиатҳои аудитория коста мегардад.

Омӯзиш ва таҳқиқи махсусиятҳои татбиқи қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар ОИТ "Вароруд ба мо имкон фароҳам овард, ки ба хулосаҳои зерин оем:

Аввал, матбуоти даврии вилояти Суғд дар замони Истиқлол дар фазои иттилоотии кишвар нақши намоён дорад. Заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва касбӣ бо зуҳур ва ташаккули меъёрҳои этикаи рӯзноманигорӣ барои баланд бардоштани савияи донишҳои ахлоқи касбӣ ва беҳтар гардидани сатҳу сифати муҳтавои воситаҳои ахбори омма заминаи муфид фароҳам овард;

Дуюм, дар баробари фароҳам омадани шароити мусоиди сиёсиву ҳуқуқӣ ва дар ин замина ба фаъолият оғоз намудани воситаҳои ахбори оммаи гуногунсамт, хоса нашрияҳои даврӣ баҳри ҳимояи субъектҳои иттилоотӣ, дар навбати аввал, ҳимояи манфиатҳои аудитория ва нигоҳ доштани обрӯ ва эътибори кории рӯзноманигорон зарурати қабули меъёрҳои этикаи касбиро ба миён овард;

Сеюм, бори аввал дар аз ҷониби воситаи ахбори оммаи минтақавии ОИТ "Вароруд" санади идоравӣ бо номи "Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ "Вароруд" ба тасвиб расид, ки ин санад барои кормандони оҷонсӣ ва нашрияҳои "Вароруд". "Ҳамсояҳо" тааллуқ дошта, пеш аз ҳама, бозгӯйи масъулиятшинос будани журналистони вилояти Суғд аст;

Чорум, қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқи касбии идораи ОИТ "Вароруд" танҳо принсипи умумӣ ба ҳисоб рафта, дар он мушаххасу аниқ ва дақиқ дар ҳолатҳои муайян чи тавр фаъолият намудан, муқаррар нагардидааст. Аз ин лиҳоз, дар бисёр ҳолатҳо журналист дар ҳалли мушкилиҳо душворӣ мекашад, ягона чизе ки ба ӯ кӯмак карда метавонад, дониш ва маърифати касбии журналист ба ҳисоб меравад.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Бобоҷонова, М. С. Риояи этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд) / М.С. Бобоҷонова. – Душанбе, 2019. – 154 с.*
2. *Ворошилов, В.В. Журналистика / В. В. Ворошилов. – Москва, 2004. – 656 с.*

3. *Лазутина, Г. В. Профессиональная этика журналиста / Г. В. Лазутина. – Москва, 1999. – 208 с.*
4. *Иноятов И., Қаршибоев Н. Тафсири Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон / И. Иноятов, Н. Қаршибоев. – Душанбе, 2011. – 40 с.*
5. *Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ «Варорӯд»// Варорӯд, 2003. – 03 март.*
6. *Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма. – Душанбе, 2012. – 130 с.*
7. *Усмонов, И. Шарҳи "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" / И. Усмонов. – Душанбе, 2011. – 64 с.*

**REFERENCES:**

1. *Bobojonova, M.S. Compliance with the Norms of Professional Ethics in the Regional Periodical Press (on the example of publications of Sughd region) / M.S. Bobojonov. - Dushanbe, 2019. - 154 pp.*
2. *Voroshilov, V.V. Journalism / V. V. Voroshilov. - M., 2004. -656 pp.*
3. *Lazutina, G. V. Professional Ethics of a Journalist / G. V. Lazutina. - M., 1999. -208 pp.*
4. *Inoyatov I., Karshiboev N. Commentary on the Ethical Norms of Journalistic Activities in Tajikistan / I. Inoyatov, N. Karshiboev. - Dushanbe, 2011. - 40 pp.*
5. *Rules and Ethical Standards of Conduct in Professional Activities of a Journalist of AAI "Varorud" / / Varorud, 2003. - March 03.*
6. *Code of Normative Legal Acts of Tajikistan on Mass Media / - Dushanbe, 2012. - 130 pp.*
7. *Usmonov, I. Commentary on "Ethical Norms of Journalistic Activity in Tajikistan" / I. Usmonov. - Dushanbe, 2011. - 64 pp.*